М. Лутфуллоев,

Ф. Шарифзода, И. Абдуллоев

# АЛИФБО

## КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СИНФИ ЯКУМ

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

Душанбе
«Полиграф Групп»
2013

ББК - 81.2. Тоҷик - 2+74.261.4
Л - 90

**Маҳмадулло Лутфуллоев, Файзулло Шарифзода,**
**Ибодулло Абдуллоев**

# АЛИФБО

Китоби дарсӣ барои синфи якум

**Гурӯҳи нашрӣ:**

Муҳаррирон - Шукуров Сафаралӣ
- Набиева Саида

Мусаҳҳеҳ - Муллобоев Ҳошим

Дизайн ва ороиш - Мирзоев Фуркат

Саҳифабанд - Зокиров Имомалӣ

Чопи компютерӣ - Зокирова Ситорабону

© ҶДММ "Полиграф Групп"
ISBN 978-99947-804-5-7

Ба чоп 23.02.2013 имзо шуд.
Андозаи коғаз 70х100 1/16. Коғази офсет.
Ҳаҷм 9,5 ҷузъи чопии аслӣ.
Адади нашр 135 000.

## НИШОНИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



## ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



# СУРУДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ* *Мусиқии Сулаймон Юдаков*

Диёри арҷманди мо,
Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод.
Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.
Зи дурии замонаҳо расидаем,
Ба зери парчами ту саф кашидаем,
кашидаем.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Барои нангу номи мо
Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ.
Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ.
Хазон намерасад ба навбаҳори ту,
Ки мазраи вафо бувад канори ту,
канори ту.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!

Ту модари ягонаӣ.
Бақои ту бувад бақои хонадони мо.
Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо.
Зи ту саодати абад насиби мост.
Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,
ҳабиби мост.

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!



Муҷтамеи меъмории Ваҳдати миллӣ
ва Эҳёи Тоҷикистон бо муҷассамаи
Исмоили Сомонӣ дар Майдони дӯстии пойтахт



Садриддин Айнӣ –
Қаҳрамони Тоҷикистон

## Дарсҳои 3 ва 4



Бобоҷон Ғафуров –
Қаҳрамони Тоҷикистон



Мирзо Турсунзода –
Қаҳрамони Тоҷикистон

## Дарсҳои 7 ва 8



**Эмомалӣ Раҳмон –
Қаҳрамони Тоҷикистон**

## Дарси 9



# Нусратулло Махсум – Қаҳрамони Тоҷикистон

## Дарси 10



# Ширинshоҳ Шоҳтемур – Қаҳрамони Тоҷикистон

# Дарсҳои 11 ва 12



Аломатҳои шартӣ:

– ҷумла

– калима

– ҳиҷо

– ҳарф

# Дарсҳои 13 ва 14



# Дарсҳои 15 ва 16



# Дарсҳои 17 ва 18



# Дарсҳои 19 ва 20



## Дарсҳои 21 ва 22



## Дарсҳои 23 ва 24



## Дарсҳои 25 ва 26



# Дарсҳои 27 ва 28











# Дарси 29













## Дарси 30









## Дарсҳои 31 ва 32

# О о







## Дарси 33

# А а

А а



а а А А А

а а а а

А А А А





## Дарси 34





**А а а**

*Aa Aa Aa*

# Дарсҳои 35 ва 36

## Л л

Л л

л л Л Л





Л л л л л

Ло ло ло ло

Л Л Л Л

**ЛО-ЛА**

## Дарсҳои 37 ва 38

ЛО
ЛА





Лола

| | |
|---|---|
| ● | А |
| ● | Л |
| ● | О |

_____ _____ _____ .

*Лл Лл Лл*

*Аа Аа*

## Дарси 39

# Н н



Н н

н н н

н н н н н

на на на на



# Дарси 40



О
Л
А
Н





Ло-ла, а-на,
ло-на.

*ло-на* *ло-на* *ло-на*

# Дарси 41

Н Н Н



он

а-ло



Н Н Н Н Н Н Н

Нн Нн Нн

# Дарси 42




а-на
ло-ла

Л
О
Л
А

**Ло-ла, а-на, ло-ла.**

ло-ла Ло-ла

## Дарси 43

# М м

*М м*

*м м м*



| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| но | на | ма | мо | ла |

*м м м м м*

*ма ма ма*







# Дарси 44

**Ло-ла, а-на, но-ма.**
**Ма, Ло-ла, но-ма.**
**Ана, Лола,**  **.**






**Но-ма**



но-ма но-ма

# Дарси 45



о мо

а ма

М М М

М М М М М

Мм Мм Мм



## Дарси 46



М М М



Ана-○○○○○○ .



Ма- ○○○



○○○ -на

Мо Мо

## Дарси 47

# Рр

Р р

р р



а-нор | а-на
ра-ма | ма-на







р р р р р р

ра ра ра

# Дарси 48

**А-нор, ана**
**Ло-ла, ма-на**
**ра-ма.**





**А-нор**

**Ана** ●○○○○ .

*ра-ма ра-ма*

## Дарси 49

Р Р

| | |
|---|---|
| ра-ма | мо-ла |
| ма-на | но-ма |

| а | о | р | м | н | л |
|---|---|---|---|---|---|

Р Р Р Р Р

Рр Рр Рр




Ра Ра

## Дарси 51

# Шш

*Ш ш*

*ш ш ш*



| | | |
|---|---|---|
| шо-на | ош-но | шаш |
| но-ма | а-на | мош |

*ш ш ш ш*

*шо шо шо*





# Дарси 52

Ана, шо-на. Шаш шо-на.
Ош-но, ма, шона.

| л | ш | о | н | а | м | р |
|---|---|---|---|---|---|---|



шона шона

## Дарси 54

Ло-ла, ана, ло-на. Анор, ма-на, ра-ма. Ош-но, ма мош.




мош мош

# Дарси 55

**Х х**

Х х

х х

| | |
|---|---|
| хо-на | хом |
| хо-ла | хол |
| хон | хор |



х х х х

хо хо хо







хом

# Дарси 56

Анор, ана, хола. Хо-ла, ана, хо-на.
Хола, ма, но-ма. Хол, анор хом.






*хона хона*

## Дарсҳои 57 ва 58

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| хо | но | ла | ра | ма | ро |

*Х Х*

хо-ла | но-ма | Хол
хон | хо-но | но-ма-ро

*Х Х Х Х*

*Хх Хх Хх*

### НОМА

**Хо-ла, ма, нома. Нома хо-но.**
**Хол, но-ма-ро хон.**



*Хол Хол*

*Нома хоно.*

## Дарси 59

# У у

У у

у у



| | | |
|---|---|---|
| У-мар | хом | ор |
| о-лу | Нур | хур-мо |

у у у у



хур-мо хур-мо

# Дарси 60

## ХУРМО



У-мар, хур-мо ор!
Хур-мо хом. У-мар, о-лу ор!
Ма, Нур, о-лу.



| о | а | у |
|---|---|---|



*олу олу о*

*Нур Нур*

## Дарси 61

| ма | шу | ша | на | лу | ра | ру |
|---|---|---|---|---|---|---|

*У У*

| У-мар | хур-мо |
|---|---|
| а-на | Хол |

*у ӯ у у у*

*Уу Уу Уу*

Умар, ана, о-лу. Хол, ана, хур-мо. Ма, Хурмо, олу.



*Умар*

# Дарси 62

| м | а | р | о | л | х | у | ш | н |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|




*Ана, хурмо.*

# Дарсҳои 63 ва 64

## Ӯ ӯ



О А У Ӯ

| | | |
|---|---|---|
| хӯ-ша | шӯр | хом |
| шӯ-ла | шӯх | Нур |



Нур, ана, хӯша. Хӯша хом. Нур шӯх.

## Дарсҳои 65 ва 66

*Ӯӯ Ӯӯ*

| | | | |
|---|---|---|---|
| **нӯ** | **шӯ** | **хӯ** | **мӯ** |

**нӯш** | **шӯр** | **шӯ-ла**
**нӯл** | **хӯр** | **хӯ-ша**

*шӯр*
*нӯл*
*мӯ*



| |
|---|
| **Н** |
| **Р** |
| **Ш** |
| **Л** |
| **М** |
| **Х** |





**А-нор, ана, шӯ-ла.**
**Шӯла хӯр. Не, шӯла шӯр.**

*Шӯла хӯр.*

## Дарси 67

# С с

С с

с









| | |
|---|---|
| Ас-лам | А-со |
| Ас-рор | сур-ма |

с с с

Ас-лам Ас-лам

# Дарси 68

**Ас-лам, а-на, Ас-рор.**
**Ма, Асо, .**
**Ас-рор, сур-ма-ро ор.**

*Асо*








*Асрор*

# Дарси 69

| | |
|---|---|
| Со-ро | шо-на |
| А-но-ра | хуш-рӯ |
| Ра-сул | ор |



## Дарси 70



**Со-ро, ана, Ра-сул. Ра-сул, шо-на-ро ор. А-но-ра, ма шона.**

Х У Р . С [У / Ӯ]




*Ана, Расул.*

# Дарси 71

## З з







| | |
|---|---|
| А-мон | сӯ-зан |
| За-мон | аз |

аз аз

## Дарси 72

### СӮЗАН



А-мон, ана, За-мон. За-мон, ма, сӯ-зан. Сӯ-зан аз Соро.

сӯзан сӯзан



Сӯзан аз Соро.

# Дарси 73

З з

З з з

Зу Зу





Ра-сул За-мон
мӯ-за ана



За-мон

## Дарси 74

### МӮЗА

Ра-сул, ана, мӯ-за. Мӯза аз За-мон.

*мӯза мӯза*

| |
|---|
| ш |
| л |
| х |
| с |
| з |



| |
|---|
| у |
| ӯ |

*Мӯза аз Замон.*

## Дарси 75

# И и

*И и*

*и и*





| зин | За-ми-ра | На-сим |
|---|---|---|
| зи-на | хуш-рӯ | миз |

*и и и*



| |
|---|
| О |
| А |
| У |
| Ӯ |
| И |



*зина*

# Дарси 76



На-сим, ана, зин.
За-ми-ра, ин миз. Ми-зи За-ми-ра хуш-рӯ.



М . З

*Миз аз Замира.*

# Дарси 77



*и и*

*и ӣ и*

*Ии Ии*

| МИ | СИ | ЛИ | МӮ | ЛӮ | СӮ | ХИ |
|---|---|---|---|---|---|---|

| | | |
|---|---|---|
| хирс | ши-рин | На-сим |
| а-сал | хо-на | хӯр |





*мошин*

# Дарси 78

О А У Ӯ И



___.

*хирс*

## ХИРС

На-сим, ана, хирс. Ин хо-на-и хирс. Ма, хирс, а-сал хӯр! Асал ши-рин.

М Н Р Ш Л Х С З

*Асал ширин.*

## Дарси 80

### КОСА

Ка-мол, ана, ко-са. Коса ка-лон. Ин ко-са-и На-зи-ра. Ко-са-и На-зи-ра низ калон.

*коса*

КА – ЛОН МОЛ





*Ин косаи Назира.*

# Дарси 81

К К К

К К К К К

Кк Кк

ка-лон | ка-рам
Ка-мол | ко-кул

## КАРАМ

Ка-мол, ана, ка-рам. Ма, Камол, ка-рам. Карам калон.







Карам

# Дарси 82

Калла

кокул кокул



Карам калон.

## Дарси 83

# В в

*В в*

*в в*



**Нав-рӯз** | **Ко-ва**
**ва** | **ош-но**

*в в в в в*

*ва ва*





○○●○○ ○○●

*Кова*

# Дарси 84

## НАВРӮЗ ВА КОВА

**Но-ми ман Нав-рӯз. Но-ми ман Ко-ва. Нав-рӯз ва Ко-ва ош-но.**




*Анвар*

*Наврӯз Наврӯз*

## Дарси 85

*В В*
*В В В В*
*Вв Вв*

| | |
|---|---|
| Рав-шан | Ан-вар |
| Ко-мил | ва |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| на | ла | ка | са | за | ва | хо |
| но | ло | ко | си | зо | во | ха |




*Ва Ва*

## Дарси 86

*Равшан*

### АНВАР ВА КОМИЛ

**Ан-вар, ин Ко-мил. Анвар ва Комил ош-но. Ко-ва ва Рав-шан низ ошно. Анвар аз Комил калон.**



*Анвар ва Комил ошно.*

## Дарси 87

# Д д



Д д

д д

д д д

| | |
|---|---|
| Ди-ло-ро | До-ро |
| о-мад | до-да-раш |
| дан-дон | Ра-шид |

дан – дон дан – дон

**ДОРУ**

Ди-ло-ро, ин до-ру. До-ру-и дан-дон.





каду

## Дарси 88

*дору*

**Доро о-мад. До-да-раш низ омад. Номи до-да-раш Шод-мон.**





___.

*додар*

# Дарси 89

Д Д

Д Д Д Д

Дд Дд

Ра-шид
До-ро
Ди-ло-ро

дан-до-наш
о-вар-данд
Ди-ло-ро

хӯрд
дард
монд




## РАШИД ВА ДОРО

Ра-шид о-мад. До-ро низ о-мад. Ра-шид ва До-ро до-ру о-вар-данд.

Рашид

## Дарси 90

Ди-ло-ро Ди-ло-ро

### ДИЛОРО

Ди-ло-ро дору хӯрд. Дан-до-наш аз дард монд.



Дилоро

Доро омад.

## Дарси 91

# Г г

*Г г*

*Г Г г*





| | |
|---|---|
| Гул-рӯ | гург |
| Гул-но-ра | хуш-рӯ |
| ка-ло-на-как | ду-го-на-анд |
| хур-да-как | гул-дон |



*Гул-но-ра*

*гул*

Дарси 92

## ГУЛРӮ ВА ГУЛНОРА

Гул-рӯ ка-ло-на-как. Гул-но-ра хур-да-как. Гул-рӯ, гул дар гул-дон. Гу-ли гул-дон хуш-рӯ. Гул-рӯ ва Гул-но-ра ду-го-на-анд.



гулдон

Гулрӯ, гул дар гулдон.

## Дарси 93

*Ӯ ӯ*

| | |
|---|---|
| О-лим | хар-гӯш |
| гӯш | ак-ка |
| до-рад | дум-да-роз |
| гӯгирд | ган-дум |

*гӯш*

*гӯгирд*







*Олим харгӯш дорад.*



## ОЛИМ

О-лим, а-на, ак-ка. Ак-ка ду-ми да-роз до-рад. О-лим, ин хар-гӯш. Гӯ-ши хар-гӯш низ да-роз.




*гандум*

# Дарси 95

## П п

П п

п п





| | |
|---|---|
| кир-мак | Пар-виз |
| мо-да-рам | кӯ-мак |
| пил-ла | рӯ-ид |
| па-да-рам | пар-ва-риш |

п п п

па-да-рам па-да-рам



пилла

## Дарси 96

*Парвиз*

### ПИЛЛА

Па-да-рам кир-мак о-вард. Мо-да-рам пар-ва-риш кард. Пар-виз ба мо-дар кӯмак ра-сонд. Аз кир-мак пил-ла шуд.





*Аз кирмак пилла шуд.*

## Дарси 97

*П П П*
*П П П*
*Пп Пп*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| да | ду | пӯ | ки | во |
| до | ди | пи | ко | ва |

| | |
|---|---|
| Но-дир | Пар-ви-на |
| на-вис | на-ра-сон |
| о-зо-да | дарс |
| дар-ро | пӯш |

*пӯш.*




*Пар-ви-на*

# Дарси 98



*шапалак*

*Пар-ви-на*



## ДАРС

Но-дир, шин. О-зо-да, на-вис. Пар-ви-на, дар-ро пӯш. Дарс сар шуд. Пар-виз, ха-лал на-ра-сон.




*Дарс сар шуд.*

# Дарси 99

## Т т

*Тт*

*т т т*

*т т т*

*токзор*





Са-о-дат
ток-зор
па-дар
дух-тар

о-зо-да
табар
му-ал-лим
тарбуз





*му-ал-лим* *му-ал-лим*

## Дарси 100

# ТОКЗОР

**Ин ток-зор аст. Са-о-дат дар ток-зор. Ӯ дух-та-ри о-зо-да. Па-да-ри Са-о-дат му-ал-лим аст. Ӯ му-ал-ли-ми мо аст.**

*Саломат*

*ангур*





*Саодат дар токзор.*

# Дарси 101



Т Т Т Т
Т Т Т
Тт Тт

| | | |
|---|---|---|
| пухт | мо-дар | са-лом |
| кур-та | Си-то-ра | шуст |
| дод | ха-мир | кард |

Танӯр



дутор

## СИТОРА

Мо-да-ри Си-то-ра хамир кард. Ӯ нон пухт. Си-то-ра кур-та-аш-ро шуст. Падар аз кор омад. Си-то-ра са-лом дод.







*курта*

*Ӯ нон пухт.*

# Дарси 103

## Б б

Б б

б б

б б б



| | | |
|---|---|---|
| Бар-но | хур-санд | бӯ-сид |
| бар-ра | бо-бо | об |
| ба | ху-нук | буд |





ба ба

бар-ра

Дарси 104

об об

бобо бобо

## БАРНО

Бар-ра аз ра-ма о-мад. Бар-но ба бар-ра об дод. Об ху-нук буд. Бо-бо Бар-но-ро бӯ-сид. Бар-но хур-санд шуд.






Об хунук буд.

# Дарси 105

*Б Б Б*

*Б Б Б*

*Бб Бб*

| | | |
|---|---|---|
| хар-бу-за | па-да-рам | о-вард |
| то-бис-тон | бо-зор | буд |
| по-ра | бо-ма-за | пухт |

*Барно*









Дарси 106

## ХАРБУЗА

То-бис-тон омад. Хар-бу-за пухт. Па-да-рам аз бозор хар-бу-за о-вард. Ӯ хар-бу-за-ро пора кард. Хар-бу-за ши-рин ва бо-ма-за буд.



То-бис-тон
бозор




Харбуза бомаза аст.

## Дарси 107

# Е е

Зе-бо
Зе-бун-ни-со
ме-бо-шанд

су-руд
ме-хо-над
ду-го-на

*Е е*

*е е Е Е*

*е е е е е*

*Е Е Е Е*

*Зе – бун – ни – со*

*Зебо*



## Дарси 108

# ЗЕБО ВА ЗЕБУННИСО

**Зебо ва Зе-бун-ни-со дугона ме-бо-шанд. Зебун-ни-со суруд ме-хо-над.**

*себ*

*сел*

*сер*



СЕ.




*Зебуннисо суруд мехонад.*

## Дарси 109

| | |
|---|---|
| се-бак | хе-ле |
| хӯр-дан-боб | се-роб |
| хуш-рӯ | хуш-ма-за |
| хуш-бӯ | сурх |

Ее Ее

хӯр-дан-боб

шер





| | |
|---|---|
| О | ● |
| А | ● |
| У | ● |

| | |
|---|---|
| Ӯ | ● |
| И | ● |
| У | ● |

## Дарси 110

# СЕБАК

Се-ба-ки сурхи се-роб,
Ши-рин ас-ту хӯр-дан-боб.
Себак хе-ле хушрӯ аст,
Хуш-ма-за-ву хуш-бӯ аст.

*сероб*



└────.

*Себак хеле хушрӯ аст.*

# Дарси 111

## Ф ф

*Ф ф*

*ф ф ф*
*ф ф ф*





*ф ф ф*
*ф ф ф*



| | |
|---|---|
| оф-тоб | фав-во-ра |
| Са-даф | Фи-рӯз |
| ат-роф | ба-ро-мад |
| фо-нус | фил |

*Ф ф*

*атроф*

## Дарси 112

# ОФТОБ

**Офтоб ба-ро-мад. Ат-роф гарм шуд. Фирӯз назди фав-во-ра омад. Садаф низ омад.**

*Садаф*

*фаввора*



*Офтоб баромад.*

# Дарси 113

**Ғ ғ**

Ғ ғ

ғ ғ

Ғ Ғ Ғ







| | | |
|---|---|---|
| **Ға-фур** | **ғи-лоф** | **ме-бо-шад** |
| **ғал-ла** | **мав-сим** | **дас-тар-хон** |
| **да-рав** | **гарм** | **ме-ғун-до-рад** |

ғ ғ ғ

Ғ Ғ Ғ

ғилоф

мурғ



____ ?

____ .

# Дарси 114

## ҒАЛЛА

Мав-си-ми да-ра-ви ғал-ла омад. Ғафур ғал-ла ме-ғун-до-рад. Мо-да-рам нони гарм пухт. Нон зеби дас-тар-хон ме-бо-шад. Нонро азиз доред.

*ғал-ла*

*шалғам*



**гарм** - *гарм*



*Ғафур ғалла меғундорад.*

# Дарси 115

## Қ қ





| | | |
|---|---|---|
| қа-лам | на-ви-сам | ши-каст |
| ра-сонд | Қо-бил | тез |
| Қо-дир | гуфт | ма-дад |

*қафас*

*қалам*

## Дарси 116

### ҚАЛАМ

**Қобил ба Қодир гуфт: - "Қ" на-ви-сам, қалам шикаст. Қодир нӯги қа-лам-ро тез кард. Қодир ба Қобил мадад ра-сонд.**

*Қобил*




*Қодир қаламро тез кард.*

## Дарси 117



| | | |
|---|---|---|
| қо-қу | ба-ро-мад | гашт |
| ат-роф | хуш-рӯ-ву | дашт |
| зе-бо | пах-моқ | қоқ |

Ққ Ққ

пахмоқ

қоқу



## Дарси 118

### ҚОҚУ

Қоқу ба-ро-мад ба дашт,
Атроф аз ӯ зебо гашт.
То-қи-и ӯ қоқ шуд,
Хуш-рӯ-ву пах-моқ шуд.



*Тоқии қоқу қоқ шуд.*
*Хушрӯву пахмоқ шуд.*

## Дарси 119

# Ч ч







| | |
|---|---|
| чаш-ма | ме-нӯ-шанд |
| чӯ-пон-ҳо | чи-нор |
| ху-нук | а-зим |
| қоқу | ме-бо-шад |

чинор





## Дарси 120

### ЧАШМА

Қиш-ло-қи мо чи-но-ри а-зи-ме до-рад. Дар зери чинор чашма аст. Оби чашма хеле соф ва хунук ме-бо-шад. Чӯ-пон-ҳо аз он чашма об ме-нӯ-шанд.

*чашма* ○○○|○○






*Чӯпон об менӯшад.*

# Ҷ ҷ





| Ҷа-ми-ла | ҷо-рӯ-бам |
|---|---|
| ме-рӯ-бад | до-рад |
| ҷо-рӯб | ме-хо-над |
| су-руд | ме-би-нед |



ҷорӯб



## Дарси 122

# ҶАМИЛА

Ҷамила ҷорӯб дорад. Ӯ бо ҷо-рӯ-баш хона ме-рӯ-бад ва суруд ме-хо-над.

*Ҷамила*



...Ана, мебинед,
Ҷорӯб дар дастам.
Бо ин ҷорӯбам
Хона мерӯбам...

*Мирсаид Миршакар*

*Ҷамила хона мерӯбад.*

# Дарси 123

| | | |
|---|---|---|
| чӯ-ҷа | рӯ-боҳ | до-но |
| де-вор | фи-реб | фу-ро |
| ба-ро-мад | ҷӯ-ра | ме-ша-вем |

Ҷҷ Ҷҷ

гунҷишк








Мо ҷӯра мешавем.

Дарси 124

## ЧӮҶА

Чӯ-ҷа-и доно ба болои девор ба-ро-мад. Рӯбоҳ чӯҷаро фиреб додан хост.

Рӯбоҳ гуфт:

- Назди ман фуро. Ҷӯра ме-ша-вем.

*Чӯҷаи доно*

девор -



*рӯбоҳи фиребгар*

# Э э

*Э э*

*э э Э Э*





| | | |
|---|---|---|
| э-лак | па-да-рам | пур-сид |
| ҷа-воб | бехт | чис-тон |
| Э-рач | чаш-маш | сад-то |
| бо-ре | мо-да-рам | орд |

*чистон* ☐☐ *чист он*

*элак*

*орд*

*Эрач элак дорад.*

## Дарси 126

### ЭЛАК

Падарам элаки нав харид. Модарам орд бехт. Боре модарам пурсид:

- Эраҷ, ҷавоби ин чистон чист?
Худаш 1-то,
Чашмаш садто.
Ман ҷавоб додам:
- Элак.

*Эраҷ*

падар -



*Модарам орд бехт.*

## Дарси 127

**Ӣ**

ӣ

ӣ ӣ ӣ

ӣ ӣ





**Қум-рӣ**
**дош-танд**
**па-ран-да-гон**

**қа-но-таш**
**дӯс-тон**
**мо-ли-данд**

**Зе-бӣ**
**тӯ-тӣ**
**ши-каст**

ӣ ӣ

Зебӣ

тӯтӣ



## Дарси 128

# ТӮТӢ

Тӯтӣ ба сим зад, болаш шикаст. Қумрӣ ва Зебӣ онро доштанд. Ба болаш дору молиданд ва бо дока бастанд.

**Парандагон - дӯстони мо.**



*Тӯтӣ ба сим зад.*

*Зебӣ ба болаш дору молид.*

## Дарси 129

# Ҳ ҳ





| | | |
|---|---|---|
| мак-таб | сох-тем | об-бо-зӣ |
| Ҳа-биб | ҳавз | соф |
| ҳав-лӣ | ба-ча-ҳо | ме-ку-нанд |

*ҳавлӣ*

*ҳандалак*

## Дарси 130

# ҲАВЗ

Мактаби мо ҳавлии калон дорад. Мо дар ҳавлии мактаб ҳавз сохтем. Оби ҳавз соф аст. Бачаҳо дар ҳавз оббозӣ мекунанд. Ҳабиб хеле нағз шино мекунад.

Ҳабиб

мактаб -






Оби ҳавз соф аст.

# Дарси 131

рӯ-боҳ
гу-рус-на
да-ро-мад
на-ме-ра-сид

ҳас-рат
бу-да-аст
на-ме-хӯ-рам
ка-сал

*Ҳҳ Ҳҳ*

*рӯбоҳ*

ҳандалак

Ғ
Қ
Ч
Ҷ
Ҳ



О
А
У
Ӯ
И
Е
Э
Й

Дарси 132

## РӮБОҲ ВА АНГУР

- Рӯбоҳи гурусна ба боғ даромад. Ангур пухта буд. Вале қади рӯбоҳ ба он намерасид. Рӯбоҳ бо ҳасрат гуфт:

- "Ангур хом будааст, онро на-ме хӯ-рам, касал ме-шавам".

Рӯбоҳ ба боғ даромад.
Ангур пухта буд.



_____? _____!

# Дарси 133

## Й й

Й й

й й й

Й Й Й



| | |
|---|---|
| бу-наф-ша | о-рос-та-рӯй |
| зеб | нав-ба-ҳор |
| пай-ғом | ме-гуфт |
| ҷӯй | бӯй |

й й

Й Й Й

бунафша





чойник

## Дарси 134

# БУНАФША

**Ман зеби ҷӯй мегуфт,**
**Оростарӯй мегуфт.**
**Пайғоми навбаҳору**
**Мушкин ба бӯй мегуфт.**

***Акобир Шарифӣ***

*оростарӯй*




*Ман зеби ҷӯй мегуфт*

## Дарси 135

# Ё ё

Ё ё

ё ё ё

Ё Ё Ё



| | | |
|---|---|---|
| ги-ёҳ-ҳо | рас-та-ни-ҳо | кӯҳ-ҳо |
| тай-ёр | ме-саб-занд | зи-ёд |
| а-лаф-ҳо | бут-та-ҳо | кӯҳ-сор |

зиёд

ёл

гиёҳ

буттаҳо

Дарси 136

## ГИЁҲҲО

Тоҷикистони мо сарзамини кӯҳсор аст. Дар кӯҳҳо буттаҳо, алафҳо ва дигар растаниҳо месабзанд. Қисми зиёди ин растаниҳо гиёҳҳо мебошанд. Аз гиёҳҳо дору тайёр мекунанд.

*тайёр*

растанӣ -

**Гул ва гиёҳҳоро решакан накунед!**



*Гиёҳҳоро решакан накунед!*

# Дарси 137

Ёё Ёё

| | | |
|---|---|---|
| Су-ман | се-со-ла | ё-рӣ |
| Ёд-гор | ме-гу-за-ро-над | ақл |
| боғ-ча | мак-таб | та-миз |

боғча

пиёла

пиёз





## Дарси 138

# СУМАН ВА ЁДГОР

Суман ба боғча меравад. Ӯ сесола аст. Ёдгор ба мактаб меравад. Ёдгор ба Суман ёрӣ медиҳад. Ӯ Суманро аз роҳи калон мегузаронад.

Ақлу тамиз -
ба ҳама азиз!



Суман ба боғча меравад.
Ёдгор ба мактаб меравад.

## Дарси 139

# Я я



Шам-си-я
кор-га-рон
ях-дон

Зул-фи-я
тар-бия
зе-бо-янд

ме-ба-ро-рад
му-раб-би-я
меҳ-ру-бон

*яхдон*

*Помир*

## Дарси 140

*мураббия*

тарбия -

## ЯХДОН

Падари Шамсия дар корхона кор мекунад. Корхона яхдон мебарорад. Яхдонҳои "Помир" хеле зебоянд.

Зул-фи-я-хо-ла бачаҳои коргаронро тарбия мекунад. Ӯ мураббияи меҳрубон аст.



*Яхдонҳо хеле зебоянд.*

*Шамсия*

# Дарси 141

*Яя*

| | | |
|---|---|---|
| гун-ҷиш-как | пан-ҷа-аш | бо-зӣ |
| май-да-як | шох-ча-ҳо | нағ-ма-со-зӣ |
| хуш-рӯ-як | ни-шас-та | бут-та-ҳо |

*гунҷишкак* □□□

*як*

1



Дарси 142

## ГУНҶИШКАК



Гунҷишкаки майдаяк,
Майдаяку хушрӯяк.
Дар панҷааш шохчаҳо,
Дар болои буттаҳо.
Нишаста бозӣ мекард,
Хуб нағмасозӣ мекард.

*Мирсаид Миршакар*



Яҳё

Гунҷишкаки майдаяк.
Майдаяку хушрӯяк.
мӯрча

## Дарси 143

# Ю ю

Ю ю

ю ю ю

Ю Ю Ю

ю ю ю ю

Ю Ю Ю



ю-ған

Ю-нус
ҳам-ди-гар
но-тарс
Қай-юм

А-юб
чо-ра-шон
да-лер
па-ра-шют



Юнус

юған

парашют

Юнус

## Дарси 144



### ПАРАШЮТ

Яку дую сею чор,
Ҳар чорашон ба ҳам ёр.

Юсуф, Юнус, Қайюм ва Аюб дар як синф мехонанд. Онҳо бо ҳамдигар ҷӯра мебошанд. Ҷӯраҳо варзишро дӯст медоранд. Ҳар чорашон далер ва нотарсанд. Онҳо худро бо парашют мепартоянд.

*Аюб*

*Қайюм*

Юсуф -

# Дарси 145

# Ж ж

*Ж ж*

*ж ж ж ж ж*

*Ж Ж Ж Ж Ж*



| | | |
|---|---|---|
| жо-ла | ба-ҳор | раф-танд |
| абр-ҳо | Рус-там | но-га-ҳон |
| Бе-жан | чор-мағз | гул-чи-нӣ |

*ж ж ж*

*Ж Ж Ж*

*каждум*

*чормағз*

*Жола борид.*

## Дарси 146

# ЖОЛА

Баҳор буд. Манижа ва Бежан гулчинӣ рафтанд. Ногаҳон осмони софро абрҳои тира печонданд. Кӯдакон худро зери дарахти чормағз гирифтанд.

Жола борид, вале дер давом накард. Абрҳои сиёҳ пароканда шуданд. Офтоб баромад. Манижа ва Бежан даста-даста гулҳои баҳорӣ чиданд ва ба деҳа баргаштанд.



*Манижа гулчинӣ рафт.*

## Дарси 147

*Жж Жж*

| | | |
|---|---|---|
| но-ҳи-я | му-си-қӣ | ғиж-жак |
| Ё-қу-бо-ва | я-кум | ме-на-во-зад |
| Ма-ни-жа | ҳаж-даҳ | му-ал-ли-ма |

*мусиқӣ*

*ҳаждаҳ*

*нижжа*



*Муаллима*

НОҲИЯ -

*Манижа ғижжак менавозад.*

## Дарси 148

# МАКТАБИ МУСИҚӢ

Дар ноҳияи мо мактаби мусиқӣ кушода шуд. Мактаб ҳаждаҳ талаба дорад. Манижа дар синфи якум мехонад. Ӯ ғижжак менавозад. Ба Манижа муаллима Ёқубова дарс медиҳад. Манижа зеҳни хуб дорад.



*Муаллима*

НОҲИЯ -

*Манижа ғижжак менавозад.*

# Дарси 149

**ъ**

ъ

ъ ъ

ъ ъ ъ



| | | |
|---|---|---|
| Са-меъ | шеъp | наъл |
| ме-хо-нанд | Са-ъдӣ | ме-ги-ранд |
| Маъ-руф | аъ-ло | ба-ланд |
| фан | бур-ро | шамъ |



*Маъруф*

*наъл*

*шамъ*

*аъло*

*Самеъ шеър мехонад.*

## Дарси 150

*Саъдӣ*

## ҶӮРАҲО

Самеъ, Саъдӣ ва Маъруф дар синфи мо мехонанд. Онҳо аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло мегиранд. Самеъ шеър мехонад. Овозаш бурро ва баланд мебошад. Ҳамаи мо шеърро дӯст медорем.



*аъло*

*Самеъ шеър мехонад.*

## Дарсҳои 151 ва 152

### ФИРӮЗ

Дарс тамом шуд. Фирӯз ба хона омад. Ӯ хеле шоду хурсанд буд. Модараш пурсид:

- Фирӯзҷон, чаро ин қадар хурсандӣ?

Фирӯз гуфт:

- Модарҷон, мо имрӯз ҳамаи ҳарфҳоро тамом кардем. Ман ҳоло ҳам мехонам ва ҳам менависам. Модар Фирӯзро ба оғӯш гирифт, бӯсид ва хурсанд шуд.

*Дарс тамом шуд.*

*Фирӯз ба хона омад.*

*ҳарфҳоро*





мехонам -

*Модари Фирӯз хурсанд шуд.*

## Дарсҳои 153 ва 154

# МАН "АЛИФБО" МЕХОНАМ

**Ман "Алифбо" мехонам,**
**Бурро-бурро мехонам...**
**"Алифбо"-и суратдор,**
**Сураташ ҷудо бисёр.**

***Убайд Раҷаб***

*Ман „Алифбо" мехонам.*
*Бурро-бурро мехонам.*





*„Алифбо"-и суратдор,*
*Сураташ ҷудо бисёр.*

# Дарсҳои 155 ва 156

## КИТОБИ ХОНО



...Аз ин китоби хоно,
Аз расмҳои зебо,
Ҳарфи бисёр омӯхтем,
Мо гапу кор омӯхтем.
Чистону таронаҳо,
Гулчини афсонаҳо,
Ҳар чӣ ки хостем мо,
Ёфтем аз "Алифбо".

*Меҳмон Бахтӣ*



Китоби хоно

афсонаҳо







Ҳар чӣ ки хостем мо,
Ёфтем аз „Алифбо".

Дарсҳои 157 ва 158

# АФЛЕСУН ВА СЕБ

Модар дар табақча себ ва афлесун овард. Парвина як афлесунро гирифта, пурсид:

-Афлесун, чаро мағзи ту тилим-тилим аст?

-Барои он ки ту маро танҳо нахӯрда, бо дигарон тақсим карда хӯрӣ.

Парвина себро пӯст карда, пурсид:

- Эй, себаки ширин, ман мебинам, ки ту яклухтӣ. Оё, метавонам худам танҳо туро бихӯрам?

Себ ҷавоб дод:

- Не, ин барои он аст, ки ту маро яклухт ба дигарон диҳӣ.

-Бачаҳо, мушкили Парвинаро осон кунед.

Парвина аз афлесун чӣ пурсид?
Афлесун чӣ ҷавоб дод?
Аз себ чӣ пурсид?
Себ чӣ ҷавоб дод?
Мушкили Парвинаро кӣ осон мекунад?

*Дар табақча себ ва афлесун буд.*
*Парвина як афлесунро гирифт.*

## Дарсҳои 159 ва 160

# МУАЛЛИМ

Муаллими меҳрубон,
Меҳратон дар дилу ҷон,
Лафзи ширини равон
Мо аз шумо омӯхтем.



Ба ҳар савол ҷавобро,
Донистани ҳисобро
Ҳам хондани китобро
Мо аз шумо омӯхтем.

Ҳифзи хоки Ватанро,
Ба вай содиқ буданро,
Васфи боғу чаманро
Мо аз шумо омӯхтем.

*Нӯъмон Розиқ*

**Ин шеърро барои шумо кӣ навиштааст?**
**Бачаҳо аз муаллими меҳрубонашон чиҳоро омӯхтаанд?**
**Шумо аз муаллими азизатон чиҳоро ёд гирифтед?**

Муаллими меҳрубон.
Меҳратон дар дилу ҷон.
содиқ

Дарсҳои 161 ва 162

## МӮРИ БОҲИММАТ

**Мӯре малахеро кашон-кашон мебурд, ки аз худаш ҳафт баробар зиёд буд. Гуфтанд:**

**- Ин мӯрро бинед, ки бо ин нотавонӣ ва хурдӣ бори вазнинеро мекашад.**

**Мӯр бихандиду гуфт:**

**- Мардон борро бо қувваи ҳиммат мекашанд, на ба қувваи тану бадан.**

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

Мӯр (мӯрча) малахро чӣ кор мекард?
Мӯр чӣ ҷавоб дод?

**Нависед:**

*Мӯри боҳиммат.*
*Мӯре малахеро кашида мебурд.*
*Мӯр бихандид.*



**бо қувваи ҳиммат -**

## Дарсҳои 163 ва 164

# МОДАРАМ

Хушрӯз модарам,
Дилсӯз модарам.
Ганҷи ягонаам,
Хуршеди ховарам.

Фарзанди ту бузург,
Фарзанди ту калон.
Монанди зиндагӣ,
Умри ту ҷовидон.

Чун дасти орзу,
Дасти ту дар сарам.
Бахти баланди ман,
Бахти ту, модарам.

Фарде надидаам
Мисли ту хоксор.
Марде надидаам
Мисли ту бурдбор.

Хушрӯз модарам,
Дилсӯз модарам.
Номи баланди ту,
То Каҳкашон барам!

*Гулрухсор*

**СУПОРИШ:** Сурудро аз ёд кунед ва якҷоя сароед.

*Хушрӯз модарам.*
*Дилсӯз модарам.*
*Ганҷи ягонаам,*
*Хуршеди ховарам.*



## Дарсҳои 165 ва 166

# ЗИМИСТОН

**Ин духтаракро бингаред,**
**Дар тан либоси сап-сафед,**
**Меҳмон ба назди мо шудаст,**
**Шодӣ кунед, шодӣ кунед!**
**Номаш Зимистон, бачаҳо,**
**Дар пешвози ӯ равед.**
**Гӯед:**
**- Меҳмон, марҳамат!**
**Хуш омадед! Хуш омадед!**

*Мирсаид Миршакар*

Духтарак чӣ ном дорад?
Зимистон аз кадом моҳҳо иборат аст?
Шеърро аз ёд кунед.

**ЗИМИСТОН -**

*Ин духтаракро бингаред,*
*Дар тан либоси сап-сафед.*



## Дарсҳои 167 ва 168

## Соли нави мелодӣ муборак, дӯстон!



*Соли нав муборак, дӯстон!*

## БОБО

Соли нав омад Бобо
Шодон ба хонаи мо.
Ба ман хирсак, ба Гулноз
Дод аккаи думдароз.

*Абдулло Қодирӣ*

**СУПОРИШ:** Шеърро аз ёд кунед.

## Дарсҳои 169 ва 170

# ГУЛҲОИ ЧАМАН

Бачаҳои азиз, шумо дар ин муддат китоби дӯстдоштаатон - "АЛИФБО" - ро хонда тамом кардед. Акнун бемалол хонда ва навишта метавонед. Ин муваффақияти калон аст. Мо шуморо ба ин муносибат муборакбод мекунем.

Бовар дорем, ки китоби "Забони модарӣ" - ро низ ба монанди "АЛИФБО" тозаю озода нигоҳ медоред ва аз он ҳикояҳо ва афсонаҳо мехонед.

Ба шумо сиҳатию саломатӣ ва дар хонишатон муваффақият мехоҳем, гулҳои ин чаман.

*Алифбои тоҷикӣ*

*Аа Бб Вв Гг Ғғ Дд*

*Ее Ёё Жж Зз Ии ӣ*

*Йй Кк Ққ Лл Мм Нн*

*Оо Пп Рр Сс Тт Уу*

*Ӯӯ Фф Хх Ҳҳ Чч Ҷҷ*

*Шш ъ Ээ Юю Яя*

## СУПОРИШ:

Ҳарфҳоро аз рӯи ҷадвал бо тартиб рӯнавис намоед.

# АЛИФБО

## ХАТМИ АЛИФБО!

Имрӯз дар синфи мо хатми "Алифбо" аст.

Падарону модарон омаданд, ки дониш, завқ ва ҳозирҷавобии фарзандони худро бо чашм бубинанд. Аз чеҳраҳои шогирдон суруру хушҳолӣ меборад. Охир, онҳо ин рӯзро чор моҳ боз интизор буданд.

Талабагони хурдсол аз китоби "Алифбо" ҷумлаҳо, шеърҳо хонданд, чистонҳо гуфтанд, суруд сароиданд, рақс карданд.

Пас аз анҷоми рақсу суруд чанде аз волидон ин рӯзи фархундаро ба шогирдону муаллимон табрик гуфтанд.

Хаткашон омад. Вай барқияи табрикии муаллифони китоби "Алифбо" - ро овард.

"Дӯстони хурдсоли мо! Шумо ва муаллими азизи шуморо ба ин рӯзи фирӯз - хатми "АЛИФБО" аз сидқи дил табрик ва муборакбод мегӯем. Имрӯз шумо зафар кардед, калиди донишро ба даст овардед - хондану навиштанро ёд гирифтед. Дару дарвозаи кишвари Дониш ба рӯи шумо боз шуд. Ҷаҳд кунед, дониш омӯзед, ки устод Рӯдакӣ фармудаанд:

"Дониш андар дил чароғи равшан аст".




*Хайр, „Алифбо!”*

*Салом, китоби „Забони модарӣ!”*

# МАТНҲОИ ХОНИШИ ИЛОВАГӢ

## БО ҲАРФИ М ЧИҲО ШУД?

М як ҳарфи танҳо буд,
Як ҳарфи бемаъно буд.
Рӯзе ҳамроҳи О шуд,
Мо шуд, хеле фаҳмо шуд.
Мо чун бо Ҳ шуд ҳамроҳ,
Олам равшан гашт аз моҳ...
Вай бо як й Моҳӣ шуд,
Сӯйи дарё роҳӣ шуд.

*Ҷӯра Ҳошимӣ*

- Аз ҳарфҳои буридаи **М, О, Ҳ, Й, Р, Т, Б** чор калима созед.

**Нависед:**

*Мо чун бо Ҳ шуд ҳамроҳ,*
*Олам равшан гашт аз моҳ.*



# МӮРЧА ВА КАБӮТАР

Мӯрчае аз ташнагӣ ба ҷон омада буд, ба лаби ҳавзе рафт, то об бинӯшад. Тасодуфан, пойи мӯрча лағжиду дар об афтод. Наздик буд мӯрчаи бечора ғарқ шавад, ки кабӯтаре аз болои дарахте ӯро дид. Кабӯтар чӯбакеро аз дарахт ба минқор канду наздики мӯрча андохт. Мӯрча ба рӯи чӯбак боло шуд ва ба ин тартиб аз марг наҷот ёфт.

Ҳанӯз лаҳзае нагузашта буд, ки як шикорчӣ кабӯтарро диду хост ӯро ҳадафи тири худ созад. Мӯрча матлаби шикорчиро дарёфта, ба ӯ наздик шуд ва пойи ӯро чунон сахт газид, ки тири ӯ ба хато рафт ва кабӯтар ҷон ба саломат бурд.

Кабӯтар дар ҳаққи мӯрча чӣ некӣ кард?
Мӯрча ба некии кабӯтар чӣ ҷавоб гардонд?

*Мӯрча аз марг наҷот ёфт.*
*Некӣ фаромӯш намешавад.*



# ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОН

Рустам дар синфи якум мехонад. Ӯ бисёр чизҳоро ёд гирифтааст. Боре бобо пурсид:

- Рустамҷони ман, бигӯ, Ватани мо чӣ ном дорад? Рустам ҷавоб дод:

- Ватани мо, бобоҷон, Тоҷикистон ном дорад.

- Офарин, ҷони бобо! Боз як савол дорам. Парчами Тоҷикистон чанд ранг дорад?

Рустам гуфт:

- Парчами давлати мо се ранг дорад: сурх, сафед, сабз. Қисми болои парчам - сурх, қисми миёна - сафед, қисми поён сабз аст. Парчами Тоҷикистон хеле зебо мебошад.

Бобо хурсанд шуд. Набераашро ба оғӯш гирифт, бӯсид.

Бобо аз набераааш чӣ пурсид?
Рустам чӣ ҷавоб дод?
Дар бораи Тоҷикистон кадом шеърро аз ёд карда будед?

*Мо дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунем.*

